# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ СТАНДАРТОНӢ

(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 814, аз 20.06.2024 №2068)

Қонуни мазкур муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро дар соҳаи стандартонӣ, принсипҳои асосии стандартонӣ, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои иштирокчиёни корҳо оид ба стандартониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, ба таъмини сиёсати ягона дар ин соҳа равона гардидааст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- стандартонӣ - фаъолият доир ба қабули стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои стандартонӣ, инчунин муқаррар намудани талаботи техникӣ (меъёр, қоида, тавсифҳо ва талаботи дигар нисбат ба объектҳои стандартонӣ) бо мақсади татбиқи умумӣ ва бисёркаратаи онҳо нисбат ба масъалаҳои доимо такроршаванда, ки барои ба даст овардани дараҷаи муносибтарини тартиб дар соҳаи коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва коркарди партовҳои маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мебошад;

- стандарт - ҳуҷҷате, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор оид ба стандартонӣ бо мақсади татбиқи умумӣ ва истифодаи бисёркарата тасдиқ гардида, қоидаҳо, дастурҳо ва ё тавсифҳои ба маҳсулот дахлдошта, аз ҷумла ҷараёну усулҳои истеҳсолотро дар бар мегирад, ки интихоби онҳо бо мақсади истифода ихтиёрӣ мебошад. Инчунин он метавонад танҳо талабот ба истилоҳот, ишора, борҷома, тамљагузорӣ ва бастабандиро дар дараҷае, ки онҳо ба маҳсулот, ҷараён ва ё усулҳои истеҳсолот истифода мешаванд, дар бар гирад;

- объектҳои стандартонӣ - маҳсулот, ҷараёнҳои коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигаҳдорӣ, ҳамлу нақл ва коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;

- стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - стандарти давлатӣ) - стандарте, ки мақомоти ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба стандартонӣ тасдиқ (қабул) намудааст;

- стандарти миллии дигар мамлакат - стандарти давлатие, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонии дигар давлати мушаххас тасдиқ (қабул) кардааст;

- стандарти минтақавӣ (байнидавлатӣ) - стандарте, ки ташкилоти минтақавии (байнидавлатии) стандартонӣ тасдиқ (қабул) кардааст;

- стандарти байналмилалӣ - стандарте, ки ташкилоти байналмилалии стандартонӣ тасдиқ (қабул) кардааст;

- ба қайд гирифтани стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои стандартонӣ - аз тарафи мақомоти ваколатдор оид ба стандартонӣ додани рақамҳои бақайдгирӣ ба стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои стандартонӣ бо мақсади баҳисобгирӣ ва ҳаммонандкунии онҳо;

- ҳуҷҷатҳои стандартонӣ - ҳуҷҷатҳои (қоида ва тавсияҳои стандартонӣ, маҷмӯи меъёр ва қоидаҳо, стандартҳои соҳаҳо ва корхонаҳо, шартҳои

техникӣ) аз тарафи ташкилотҳои стандартонии байналмилалӣ ё минтақавӣ, мақомоти ваколатдор оид ба стандартонӣ, дигар мақомоти идораи давлатӣ ва ташкилоту корхонаҳо қабулшаванда;

- тарафи манфиатдор - мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти стандартонӣ манфиатдоранд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- консенсус - розигии умум доир ба масъалаи муайян, ки бо дастгирии тарафҳои манфиатдор, аз он ҷумла бо дарназардошти ҳамаи фикрҳои мухолиф ба даст омадааст, гарчанде консенсус ҳамфикрии куллро дар бар намегирад;

- кумитаи техникӣ оид ба стандартонӣ - гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи стандартҳо, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор оид ба стандартонӣ таъсис дода шудааст.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи стандартонӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи стандартонӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068).

Моддаи 2(1). Доираи амали Қонуни мазкур
(Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068)

Қонуни мазкур нисбат ба муносибатҳо вобаста ба таҳия, қабул ва татбиқи стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдор оид ба стандартонӣ, инчунин амалӣ намудани назорати давлатӣ дар соҳаи стандартонӣ татбиқ мегардад (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068).

**Моддаи 3. Мақсадҳо ва принсипҳои асосии стандартонӣ**

1. Мақсадҳои стандартонӣ аз инҳо иборатанд:

- таъмини ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва бехатарии инсон ва шаҳрванд, ҳайвонот, растанӣ ва ҳифзи муҳити зист;

- таъмини сифату бехатарии маҳсулот ва ҷараёнҳои ба он вобаста, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;

- таъмини мувофиқат ва якдигаривазкунии маҳсулот ва ҷараёнҳои ба он вобаста, инчунин иҷрои кор;

- рушди истеҳсолот ва савдои мол бо роҳи таҳияи стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои стандартонии бо стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳанггардида;

- мусоидат намудан ба баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ;

- мусоидат намудан ба пешрафти илмӣ - техникӣ;

- бартараф намудани монеаҳои техникӣ дар савдо;

- ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон.

2. Стандартонӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- ошкоро будани раванди таҳияи стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои стандартонӣ;

- таъмини ҳуқуқи иштироки ҳамаи тарафҳои манфиатдор дар таҳияи стандартҳо;

- консенсуси ҳамаи тарафҳои манфиатдор ҳангоми таҳия ва тасдиқи стандартҳо;

- ҳамоҳангсозии стандартҳои давлатӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (байнидавлатӣ);

- мувофиқатии ҳуҷҷатҳои стандартонӣ ба стандартҳои давлатӣ;

- ба ҳамаи шахсони манфиатдор дастрас будани маълумот дар бораи стандартҳо;

- роҳ надодан ба монеаҳои зиёдатӣ дар савдои байналмилалӣ, ки ба таври минималӣ барои иҷрои мақсадҳои стандартонӣ зарур аст;

- интихоби ихтиёрии стандартҳо;

- иҷрои ҳатмии талаботҳои стандартҳои интихобшуда;

- истифодабарии стандартҳои байналмилалӣ ва ё фаслҳои дахлдори онҳо, дар мавриде, ки онҳо амал мекунанд ё ин, ки таҳияи онҳо ба анҷом мерасад, ҳамчун асос барои таҳияи стандартҳои давлатӣ, ба истиснои мавридҳое, ки ин гуна стандартҳои байналмилалӣ ва фаслҳои дахлдори онҳо ба ноил гардидани мақсадҳои Қонуни мазкур номувофиқ ва бесамар бошанд, масалан, бинобар сабаби омилҳои муҳими иқлимӣ ё ҷуғрофӣ ва ё норасоиҳои муҳими техникӣ;

- ба назар гирифтани марҳилаҳои рушди технологӣ ва қоидаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ доир ба стандартонӣ ва дигар созишномаҳои дахлдори байналмилалӣ ҳангоми таҳияи стандартҳо;

- вобаста ба имконият, дар таҳияи стандартҳо, назар ба талаботҳои таркибӣ ва тасвирӣ ба инобат гирифтани талаботҳои истифодабарии маҳсулот;

- муқаррар намудани тартиби якхела барои маҳсулоти воридоти ва маҳсулоти ватании ҳаммонанд дар асоси созишномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст.

**Моддаи 4. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи стандартонӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи стандартонӣ салоҳиятҳои зеринро дорад:

- пешбурди сиёсати давлатиро таъмин менамояд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартониро муайян менамояд;

- барномаҳои давлатиро дар соҳаи стандартонӣ тасдиқ менамояд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- системаи давлатии стандартониро таъсис медиҳад ва фаъолияти онро таъмин менамояд;

- мубодилаи иттилоот доир ба соҳаи стандартонӣ дар сатҳи байниҳукуматӣ, байналмилалӣ, минтақавӣ (байнидавлатӣ) ва миллиро дастгирӣ менамояд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- ҳалли моддию молиявии масъалаҳои давлатиро дар соҳаи стандартонӣ таъмин менамояд;

- тартиби таъсис ва пешбурди фонди давлатии стандартҳоро муқаррар менамояд (Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 814, аз 20.06.2024 №2068);

- салоҳияти дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068).

## БОБИ 2. ТАШКИЛИ СТАНДАРТОНӢ

### Моддаи 5. Системаи давлатии стандартонӣ

1. Системаи давлатии стандартонӣ маҷмӯи иштирокчиёни корҳо оид ба стандартонӣ, стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои стандартонӣ, инчунин дар маҷмӯъ қоидаю расмиёти фаъолияти системаро дар бар мегирад.

2. Иштирокчиени корҳо оид ба стандартонӣ инҳо мебошанд:

- мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ;
- мақомоти дигари давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ дар соҳаи стандартонӣ;
- ташкилот ва муассисаҳои илмӣ;
- кумитаҳои техникӣ оид ба стандартонӣ;
- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд ва шахси ҳуқуқии хориҷӣ;
- субъектҳои дигаре, ки фаъолияташон бо корҳои соҳаи стандартонӣ алоқаманд мебошанд.

### Моддаи 6. Ваколати мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ

Ба ваколати мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ дохил мешаванд:

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи стандартонӣ (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);
- ҳамоҳангсозии кори мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи стандартонӣ (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);
- таҳия ва тасдиқи барномаҳо оид ба таҳияи стандартҳои давлатӣ дар асоси пешниҳоди кумитаҳои техникӣ оид ба стандартонӣ ва тарафҳои манфиатдор ва ҳамоҳангсозии иҷрои онҳо;
- таҳия, тасдиқ, аз нав дида баромадан, ворид намудани тағйирот ва бекор намудани стандартҳои давлатӣ;
- муайян намудани тартиби тасдиқ ва бекор намудани стандартҳои давлатӣ;
- таъмини мутобиқати стандартҳои давлатӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (байнидавлатӣ);
- муқаррар намудани қоидаҳои умумии гузарондани корҳо оид ба стандартонӣ, шаклу усулҳои ҳамкории иштирокчиёни системаи давлатии стандартонӣ;
- ба роҳ мондани корҳо оид ба стандартонии давлатӣ, минтақавӣ (байнидавлатӣ) ва байналмилалӣ, гузарондани корҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба стандартонӣ, ба иҷрои ин корҳо ҷалб намудани кумитаҳои техникӣ оид ба стандартонӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотии соҳавӣ;
- гузаронидани экспертиза ва бақайдгирии лоиҳаи стандартҳои давлатӣ ва ҳуҷҷатҳои стандартонии бақайдгирифташаванда ва муайян намудани мӯҳлати мавриди амал қарор додани онҳо;
- пешбурди феҳристи стандартҳои давлатии тасдиқшуда (бекор карда шуда) ва ҳуҷҷатҳои стандартонии бақайдгирифташаванда;

- ба имзо расонидани созишномаҳо бо ташкилотҳои стандартонии байналмилалию минтақавӣ ва мақомоти миллии стандартонии мамлакатҳои дигар бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- амалӣ намудани бақайдгирии стандартҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллии мамлакатҳои дигар ва муайян намудани тартиби истифодаи онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба шарте дар шартномаҳои (созишномаҳои) байналмилалӣ тартиби дигаре муқаррар карда нашуда бошад (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- амалӣ намудани баҳисобгирӣ ва нигоҳдории стандартҳои байналмилалӣ, минтақавӣ (байнидавлатӣ), давлатӣ, қоидаю тавсияҳои стандартонӣ ва таъмини дастрасии онҳо ба шахсони манфиатдор;

- ташаккул ва пешбурди фонди стандартҳои байналмилалӣ, минтақавӣ (байнидавлатӣ), давлатӣ ва қоидаю тавсияҳои стандартонӣ;

- паҳн кардани стандартҳои байналмилалӣ, минтақавӣ (байнидавлатӣ), давлатӣ, қоидаю тавсияҳои стандартонӣ ва ҳамасола омода сохтани рӯйхати стандартҳои давлатӣ;

- таъсис намудани фонди давлатии иттилоотии стандартҳо ва системаи ягонаи иттилоотӣ оид ба стандартонӣ;

- қабул намудани қарор дар бораи ташкили кумитаҳои техникӣ оид ба стандартонӣ;

- тасдиқ намудани низомномаҳои кумитаҳои техникӣ оид ба стандартонӣ ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти онҳо;

- намояндагӣ намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба стандартонӣ;

- иштирок дар таҳияи стандартҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва таъмини баҳисобгирии манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабули онҳо;

- тасдиқ намудани тасвири нишонаи мутобиқат ба стандартҳои давлатӣ ва муайян намудани тартиби истифодаи он;

- таъмин намудани мубодилаи иттилоот дар сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ (байнидавлатӣ) ва миллӣ оид ба стандартонӣ;

- омода намудани таклифҳо оид ба таъминоти моддию молиявии ҳалли вазифаҳои давлатӣ дар соҳаи стандартонӣ;

- иҷро намудани вазифаҳои маркази иттилоотӣ доир ба стандартонӣ дар асоси талаботи шартномаҳои муҳими байналмилалӣ ва ӯҳдадориҳое, ки аз аъзогӣ дар ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ бармеоянд;

- амалӣ намудани фаъолияти дигар дар асоси вазифаҳои ҳатмии ба зима доштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз шартномаҳои байналмилалии соҳаи стандартонӣ бармеоянд;

- амали намудани ваколатҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068).

**Моддаи 7. Ваколати мақомоти дигари давлатӣ дар соҳаи стандартонӣ**

Ба ваколати мақомоти дигари давлатӣ дар соҳаи стандартонӣ дохил мешаванд:

- амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ;

- тайёр намудани пешниҳодҳо ба барномаҳо оид ба стандартонӣ бо дарназардошти муқаррароти Қонуни мазкур;

- дар доираи ваколатҳои худ ташкили таҳия, тасдиқ, пешбурд, истифода, баҳисобгирӣ, нашри расмӣ, паҳнкунӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои стандартонӣ (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- иштирок намудан дар кори кумитаҳои техникӣ оид ба стандартонӣ;

- ба мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ пешниҳод намудани таклифҳо дар бораи ташкили кумитаҳои техникӣ оид ба стандартонӣ;

- дар доираи ваколатҳои худ таъмин намудани иштироки коршиносон дар соҳаи стандартонии байналмилалӣ ва минтақавӣ (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- дар доираи ваколатҳои худ таъсис ва пешбурди фонди ҳуҷҷатҳои стандартонӣ.

**Моддаи 8. Вазифаҳои ташкилот ва муассисаҳои илмӣ дар соҳаи стандартонӣ** (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068)

Ташкилот ва муассисаҳои илмӣ:

- ба инкишоф додан ва амалӣ гардондани самтҳои афзалиятноки стандартонӣ ҷалб карда мешаванд;

- фонди амалкунандаи стандартҳоро мутобиқи сатҳи муосири рушди иқтисоди миллӣ, инкишофи заминаҳои моддию техникӣ, инчунин сатҳи рушди илмию техникӣ таҳлил менамоянд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- дар кори кумитаҳои техникӣ оид ба стандартонӣ иштирок мекунанд;

- дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ пешбурди фаъолияти котиботи кумитаҳои техникӣ оид ба стандартониро ташкил менамоянд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- ҳамасола дар бораи вазъ ва рушди корҳо оид ба стандартонӣ маърӯзаҳо тайёр мекунанд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- дар соҳаи стандартонӣ корҳои илмию таҳқиқотӣ мегузаронанд;

- системаи тайёрӣ ва аттестатсияи коршиносони соҳаи стандартониро ташаккул медиҳанд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- барномаҳои таълимиеро, ки ба тайёр намудани мутахассисони соҳаи стандартонӣ равона гардидаанд, таҳия ва амалӣ менамоянд.

**Моддаи 9. Кумитаҳои техникӣ оид ба стандартонӣ** (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068)

1. Кумитаҳои техникӣ оид ба стандартонӣ бо мақсади ташкил кардан ва гузарондани корҳо оид ба стандартонии давлатӣ, минтақавӣ (байнидавлатӣ) ва байналмилалӣ вобаста ба соҳаи фаъолият таъсис дода мешаванд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068).

2. Тартиби ташкил ва фаъолияти кумитаҳои техникӣ оид ба стандартониро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ муайян мекунад.

3. Ба ҳайати кумитаҳои техникӣ оид ба стандартонӣ дар асоси баробарҳуқуқӣ метавонанд намояндагони мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ , ташкилот ва муассисаҳои илмӣ, иттифоқҳои касаба,

ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои соҳибкорон ва истеъмолкунандагон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин шахсони воқеӣ ба таври ихтиёрӣ дохил шаванд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068).

4. Кумитаи техникӣ оид ба стандартонӣ ваколатдор аст:

- стандартҳои давлатиро бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин хусусиятҳои давлат, омилҳои муҳими ҷуғрофӣ ва иқлимии мамлакат ва сатҳи рушди иқтисодии он таҳия намуда оид ба бекор кардани онҳо таклифҳо омода намояд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- экспертизаи лоиҳаи ҳуҷҷатҳои стандартонии ба соҳаи фаъолияташ дахлдорро гузаронад;

- оид ба таҳияи стандартҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (байнидавлатӣ) пешниҳод омода намояд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- ташаккул ва пешбурди махзани иттилоотии стандартҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёриро вобаста ба соҳаи фаъолият амалӣ намояд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068);

- дар корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи стандартонӣ иштирок намояд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068).

5. Хароҷот вобаста ба фаъолияти кумитаҳои техники оид ба стандартонӣ аз ҳисоби субъектҳои ташаббускори таҳияи стандартҳои давлатӣ, инчунин ташкилотҳои дигари барои қабул ва истифодаи стандартҳо манфиатдор амалӣ карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068).

## БОБИ 3. ТАҲИЯ, ТАСДИҚ ВА ИСТИФОДАБАРИИ СТАНДАРТҲО

### Моддаи 10. Тасдиқи стандартҳои давлатӣ

1. Стандартҳои давлатӣ тибқи Қонуни мазкур ва қоидаҳои системаи давлатии стандартонӣ, ки бояд ба қоидаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавии стандартонӣ мутобиқат намоянд, тасдиқ карда мешаванд.

2. Стандартҳои давлатӣ ва ҳуҷҷатҳои стандартонӣ дар асоси дастовардҳои илмию техникии муосир таҳия гардида, набояд ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, регламентҳои техникӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намоянд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068).

3. Стандартҳои давлатӣ ва ҳуҷҷатҳои стандартонӣ метавонанд дар асоси стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои стандартонии байналмилалӣ ва минтақавӣ ва ё стандартҳои миллии дигар давлатҳо қабул гарданд.

4. Огоҳинома дар бораи тасдиқ ё бекор намудани стандартҳои давлатӣ бояд дар нашрияи расмии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ интишор гардад (Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 814).

5. Хориҷ карда шуд (Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 814).

### Моддаи 11. Тартиби таҳия ва тасдиқи стандартҳои давлатӣ

1. Стандартҳои давлатиро метавонанд шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳо, инчунин дигарон тибқи барнома оид ба таҳияи стандартҳои давлатӣ, таҳия намоянд.

2. Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ то тасдиқ намудани стандарти давлатӣ дар давоми 60 рӯз тафсирҳои тарафҳои манфиатдорро қабул намуда, баррасӣ менамояд. Дар мавриди ба вуҷуд

омадани хавфи фавқулодда ба амният, саломатӣ ё муҳити атроф, мӯҳлати мазкур соқит карда мешавад.

3. Тибқи дархости тарафҳои манфиатдор мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ бояд лоиҳаи стандарти давлатии баррасишавандаро ба онҳо пешниҳод намояд. Маблағи пардохт барои дастрас намудани лоиҳаи стандарти давлатӣ, ба истисноi хароҷоти вобаста ба дастраскунӣ, барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ягона мебошад.

4. Тартиби нашри огоҳинома оид ба таҳияи лоиҳаи стандарти давлатӣ ва огоҳинома доир ба хотима ёфтани муҳокимаи оммавии онро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ муайян менамояд.

5. Дар таҳияи минбаъдаи стандарти давлатӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ бояд тафсирҳои пешниҳодкардаи тарафҳои манфиатдорро дар давраи баррасӣ ба инобат гирад. Дар ҳолати мавҷуд будани мухолифати тафсирҳо ба стандартҳои байналмилалӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ хулосаҳои худро бо шарҳи муфассал дар мӯҳлати муайяншуда ба тарафҳои манфиатдор ирсол менамояд.

6. Ворид намудани тағйирот ба стандарти давлатӣ бо тартиби барои таҳия ва тасдиқи стандарти давлатӣ муайяншуда амалӣ мегардад.

**Моддаи 12. Санҷиши стандартҳои давлатӣ**

1. Санҷиши мутобиқати стандартҳои давлатии амалкунанда бо қонунгузорӣ, талаботи истеъмолкунандагон, сатҳи рушди илм ва техника, талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (байнидавлатӣ) аз тарафи кумитаҳои дахлдори техникӣ оид ба стандартонӣ ба амал бароварда мешавад.

2. Стандартҳои давлатӣ на камтар аз як маротиба дар панҷ сол санҷида мешаванд.

3. Тартиби гузарондани кор оид ба санҷиши стандартҳои давлатиро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ муқаррар мекунад.

**Моддаи 13. Истифодабарии стандартҳо**

1. Интихоби стандартҳо ихтиёрӣ мебошад. Дар ҳолате, ки регламенти техникӣ ба стандарт ишора намояд ва ягона роҳи таъмини мутобиқат ба регламенти техникӣ ин риояи стандарт мебошад, дар чунин ҳолат ин гуна стандарт ҳамчун регламенти техникӣ истифода мешавад (Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 814).

2. Стандартҳои минтақавӣ (байнидавлатӣ) ва давлатӣ бевосита, инчунин бо роҳи ишора ба онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳо, аҳдномаҳо ва созишномаҳои бо тартиби муайян қабулгардида, истифода мешаванд.

3. Стандартҳои минтақавӣ (байнидавлатӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накардан, бевосита пас аз шаш моҳи дастрас шудани нашри расмии онҳо (стандартҳои бе санаи мавриди амал қабулшуда) мавриди амал қарор мегиранд.

4. Стандартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои миллии дигар мамлакатҳо дар асоси созишномаҳои (шартномаҳои) байналмилалӣ дар бораи ҳамкорӣ ва ё шартномаҳои (созишномаҳо) мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ бо ташкилотҳои стандартонии байналмилалӣ, минтақавии дахлдор ва мақомоти миллии стандартонии дигар мамлакатҳо қабул мешаванд.

5. Тартиби истифодаи стандартҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва стандартҳои миллии дигар давлатҳоро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ муқаррар менамояд.

**Моддаи 14. Нашр ва паҳн намудани стандартҳо**

1. Ҳуқуқи истисноии нашри расмӣ ва аз рӯи тартиби муқарраршуда паҳн намудани стандартҳои давлатӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ тааллуқ дорад (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068).

2. Стандартҳои давлатӣ бояд бо забони давлатӣ, инчунин бо яке аз забонҳои расмии байналмилалӣ нашр гарданд.

3. Нашр ва паҳн намудани стандартҳои миллии мамлакатҳои дигарро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ тибқи шартномаҳо ва созишномаҳо бо мақомоти миллии стандартонии мамлакатҳои дигар ташкил ва амалӣ менамояд.

4. Нашр ва паҳн намудани ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавии стандартониро, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви онҳо мебошад, мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ мувофиқи тартиб ва шартҳое, ки ташкилотҳои байналмилалӣ ё минтақавии дахлдор муайян намудаанд, ба амал мебарорад.

5. Нашр ва паҳн намудани ҳуҷҷатҳои стандартонӣ аз тарафи ташкилотҳое, ки онҳоро тасдиқ намуданд, амалӣ мегардад.

6. Стандартҳои давлатӣ ба тариқи озод, баъди пардохти арзиши он тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ, дастрас мегарданд.

**Моддаи 15. Таъминоти иттилоотии фаъолияти соҳаи стандартонӣ**

Таъминоти иттилоотии системаи давлатии стандартонӣ тавассути корҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

- фонди давлатии иттилоотии стандартҳо;
- системаи ягонаи иттилоотӣ оид ба стандартонӣ;
- нашри расмии стандартҳо (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068).

**Моддаи 16. Нишонаи мутобиқат ба стандартҳои давлатӣ**

1. Нишонаи мутобиқат ба стандартҳои давлатӣ ин нишонаест, ки дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона буда, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зери ҳимоя қарор дорад ва дар бораи ба талаботи стандартҳои давлатӣ мутобиқ будани объектҳои стандартонии тамљагузоштаи онҳо шаҳодат медиҳад (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 №2068).

2. Тавсиф ва тартиби истифодаи нишонаи мутобиқат ба стандартҳои давлатиро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ муқаррар

мекунад. Дар қоидаҳои истифодаи нишонаи мутобиқат ба стандартҳои давлатӣ бояд принсипи ихтиёрӣ будани истифодаи он пешбинӣ карда шавад.

3. Ҳуқуқи истифодаи нишонаи мутобиқати маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасонӣ ба стандартҳои давлатӣ аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ дода мешавад.

4. Ба талаботи стандартҳои давлатӣ мутобиқат доштани объектҳои стандартонии бо нишонаи мутобиқат тамљагузоришуда, аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ тасдиқ карда мешавад.

5. Барои истеҳсолкунандаи (таъминкунандаи) объектҳои стандартонии бо нишонаи мутобиқат тамљагузоришуда, инчунин дар ҳолати дар борҷомаи маҳсулот ё ҳуҷҷатҳои ҳамроҳшаванда дарҷ намудани рақами стандартҳои минтақавӣ (байнидавлатӣ) ва давлатӣ ҷиҳати риоя намудани талаботи стандартҳои дахлдор ҳатмӣ мебошад.

6. Назорати давлатӣ оид ба иҷрои ҳатмии стандартҳои интихобшуда аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатии масъули ташкили корҳои бамеъёрдарории техникӣ амалӣ мегардад.

**Моддаи 17. Маблаљгузории корҳо оид ба стандартонӣ**

1. Манбаъҳои маблаљгузории корҳо оид ба стандартонӣ инҳоянд:

- маблаљҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фурӯши стандартҳо;
- хизматрасонӣ дар соҳаи стандартонӣ;
- дигар манбаъҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Тартиби маблаљгузории корҳо оид ба стандартонӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

## БОБИ 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 18. Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки талаботи Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 19. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи стандартонӣ"**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1996 "Дар бораи стандартонӣ" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, № 23, мод. 358; с. 2002, № 4, қ.1, мод. 230) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 20. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе

29 декабри соли 2010 № 668

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи стандартонӣ"**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи стандартонӣ" қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1996, №334 "Оиди мавриди амал қарор додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи стандартонӣ" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1996, №23,мод.359) аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Зуҳуров
ш.Душанбе, 8 декабри соли 2010, № 252

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи стандартонӣ"**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро "Дар бораи стандартонӣ" баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи стандартонӣ" ҷонибдорӣ карда шавад.

Раиси
Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Убайдуллоев
ш. Душанбе, 16 декабри соли 2010 № 102